# Изҳороти Намояндаи олӣ Кэтрин Эштон аз номи Иттиҳоди Аврупо ба муносибати Рӯзи байналмилалии мубориза бар зидди гомофобия ва трансфобия, 17 маи соли 2012

“Имрӯз мардумони кулли ҷаҳон Рӯзи байналмилалии мубориза бар зидди гомофобия (тарс аз ҳамҷинсгароӣ) ва трансфобия (тарс аз тароҷинсӣ) ҷашн мегиранд. Аз номи Иттиҳоди Аврупо, ман боифтихор ба баргузории ҷашни мазкур ҳамроҳ мешавам.

Дар тамоми ҷаҳон одамон ба хотири гароиш ва ҳувияти ҷинсияшон бо поймолкунии ҳуқуқ ва зӯрӣ рӯ ба дучор мешаванд, ва ҳатто ҷон аз даст медиҳанд. Робитаҳои ҷимоъи ҳамҷинсӣ дар 76 кишвари ҷаҳон ҳанӯз ҳам ба қатори ҷавобгарии ҷиноятӣ шомил буда, лоақал дар 5 кишвари дунё ҷазои қатл пешбинӣ шудааст.

Ба мо баъзан мегӯянд, ки гароиш ва ҳувияти ҷинсӣ ба арзишҳои анъанавӣ мухолифанд. Иҷозат диҳед нуктаеро равшан кунам: ҳангоме, ки мо оид ба ҳуқуқҳои ҳамҷинсгароён, дуҷинсгароён, тароҷинсгароён ва байнҷинсон (одамони дорои узвҳои таносули нар ва мода) сухан мекунем, гап дар сари он нест, ки мо нияти ворид кардани ҳуқуқҳои нав барои як гурӯҳи алоҳидаи одамон дорем. Гап дар сари татбиқи ҳамон як ҳуқуқи башарӣ ба ҳар як инсон, бидуни поймолкунии ҳуқуқ аст. Ман ба ҳамаи давлатҳои ҷаҳон муроҷиат менамоям, то ин вазъиятро ба ҳар як нафар амри воқеъ намоянд.“

Хорватия* (кишвари дохилшаванда ба узвияти Иттиҳоди Аврупо), кишварҳои номзад ба узвияти ИА, аз ҷумла, Ҷумҳурии Мақдуния*, Монтенегро*, Исландия+ ва Сербия*, кишвари раванди устуворшавӣ ва ҳампайвандӣ Албания ва кишварҳои Ассоциацияи савдои озод дар Аврупо (АСОА) Латвия ва Норвегия, аъзоёни Минтақаи иқтисодии Аврупо (МИА), инчунин Арманистон ва Гурҷистон ба изҳороти мазкур шомил шудаанд.

* Хорватия, Ҷумҳурии Мақдуния, Монтенегро ва Сербия узвияташон дар Раванди устуворшавӣ ва ҳампайвандӣ идома медиҳанд.
+ Исландия ҳамчун аъзои АСОА ва МИА идома медиҳад.